**ТАҚРИЗИ**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Исоев Аслиддин Шамсуддинович дар мавзуи: «Такмили усулҳои танзим ва идоракунии хавфҳо дар ташкилотҳои маблағгузории хурд» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз**

Дар иқтисоди муосир яке аз шартҳои муҳим барои рушди соҳибкории хурд мавҷудияти захираҳои кофии молиявӣ мебошад. Дар ин замина, камбуди механизмҳои самараноки идоракунии хавфҳо барои ташкилотҳои маблағгузории хурд мушкилоти ҷиддӣ маҳсуб меёбад.

Идоракунии хавфҳо дар амалияи ҳаррӯзаи ташкилотҳои қарзӣ, аз ҷумла соҳаи маблағгузории хурд, бо густариши доираи воситаҳои молиявии пешниҳодшуда, тавре ки дар Стратегияи миллии фарогирии молиявии кишвар инъикос ёфтааст, аҳамияти бештар пайдо мекунад. Бо вуҷуди муваффақиятҳои кунунии баъзе ташкилотҳои маблағгузории хурд, диверсификатсияи фаъолияти онҳо ногузир боиси афзоиши хатарҳои эҳтимолӣ ва пайдоиши ҳолатҳои ғайричашмдошт мегардад. Гузашта аз ин, рушди технологияҳои муосир ба тавсеаи рӯйхати хавфҳо ва хатарҳои ин ташкилот мусоидат мекунад.

Барои ҳамин, такмили идоракунии хавфҳо барои ташкилотҳои маблағгузории хурд ва рушди минбаъдаи онҳо зарурати ногузир касб кардааст. Аз тарафи дигар, дар бахши молиявӣ як қатор масъалаҳои ҳалношуда мавҷуданд, аз ҷумла, таърифи муосири идоракунии хавфҳо дар ташкилотҳои маблағгузории хурд, ки мавриди қабули аксарияти олимони соҳа бошад, вуҷуд надорад. Дар шароити дастрасии рӯзафзуни хизматрасониҳои маблағгузории хурд ва рушди методологияи онҳо, мушкилоти марбут ба идоракунии хавфҳо ва муайян кардани хавфҳои молиявӣ ва ғайримолиявӣ дар фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд аҳамияти махсус пайдо мекунад. Таҳқиқоти мазкур ба омӯзиши ин масъала, асоснок кардани аҳамияти илмии он, ҷустуҷӯ ва дарёфти роҳҳои такмили идоракунии хавфҳо дар ТМХ равона шудааст.

Муаллиф корро аз асоснокунии назария ва методологияи танзим ва идоракунии хавфҳо дар ТМХ оғоз карда, ҷанбаҳои назариявӣ, методологияи таҳлил ва арзёбии хавфҳоро дар ин ниҳодҳо мавриди омӯзиш қарор додааст.

Дар диссертатсия вазъи муосири рушд ва таҷрибаи идоракунии хавфҳои иқтисодӣ дар ташкилотҳои маблағгузории хурди ҷумҳурӣ таҳлил, механизми идоракунии хавфҳои қарзию асъорӣ ва самаранокии он арзёбӣ гардидааст.

Дар қисмати сеюми кор роҳҳои такмилдиҳии механизми идоракунии хавфҳо, аз ҷумла суғуртакунонӣ, безараргардонӣ ва пешгирии онҳо дар ташкилоти маблағгузории хурд ҷустуҷӯ ва дарёфт шудааст.

Ҳаҷм ва сохтори таҳқиқот ба талаботи Дастурамали КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Таҳсилоти худи унвонҷӯ низ ба талаботи мавҷуда мувофиқ мебошад. Унвонҷӯ, Исоев Аслиддин Шамсуддинович соли таваллудаш 16.03.1992, миллаташ тоҷик, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Соли 2014 бакалавриати Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусравро ва соли 2016 шуъбаи магистратураи донишгоҳи номбурдаро бо баҳои аъло хатм кардааст.

Соли 2016 фаъолияти кориашро аз кафедраи андоз ва андозбандии факултети менеҷменти Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав оғоз намудааст. Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Исоев А.Ш. таҳти унвони «Такмили усулҳои танзим ва идоракунии хавфҳо дар ташкилотҳои маблағгузории хурд» зери роҳбарии номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи муносибатҳои молиявӣ-қарзии байналхалқӣ Убайдуллоев Фаредулло Каримович баррасӣ ва дар Шурои олимони ДДБ ба номи Носири Хусрав тасдиқ карда шуд. Дар давоми иҷрои таҳқиқот – солҳои 2020-2024, мавсуф унвонҷӯи кафедраи андоз ва андозбандии ДДБ ба номи Н.Хусрав ба ҳисоб мерафт (фармони қабул 29.10.2020, №418-фd).

Исоев А.Ш. имтиҳонҳои минимуми номзадиро аз фанни забони англисӣ бо баҳои хуб (03.12.2021, №036 21/36) ва аз фанни фалсафа бо баҳои хуб дар ДДБ ба номи Носири Хусрав ( 26.04.2024) ва минимуми ихтисосро аз рӯйи 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бо баҳои «аъло» супоридааст.

Исоев Аслиддин Шамсудинович мавзуи илмии худро дар санаи 20.06.2024, №9700 дар Маркази миллии патенту иттилоот ба қайд гирифтааст.

Дар баробари таҳсил ба ҳайси унвонҷӯ Исоев А. соли 2023 ба филиали Донишгоҳи байналмилали сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ба кор даъват шуда, дар вазифаи муовини декан оид ба тарбия дар факултети иқтисод ва молия фаъолиятро оғоз намудааст. Айни замон Исоев А. дар вазифаи муовини директор оид ба таълим дар "Коллеҷи саноат ва хизматрасониҳои иҷтимоии Левакант"-и Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. Номбурда соли 2024 бо ифтихорнома ва нишони «Аълочии маъориф ва илми Тоҷикистон" сарфароз шудааст.

Исоев Аслиддин Шамсуддинович вобаста ба мавзуи таҳқиқоти худ дар умум 12 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда нашр кардааст.

Дисертатсияи унвонҷӯ Исоев Аслиддин Шамсуддинович дар мавзуи **«Такмили усулҳои танзим ва идоракунии хавфҳо дар ташкилотҳои маблағгузории хурд »** кори мустақилона анҷомёфтаи илмӣ-тахассусӣ буда, дорои навгониҳои илмӣ ва хулосаҳои арзишманди назариявию амалӣ мебошад. Кори илмӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз омода гардида, барои гузаштани марҳилаи навбатӣ ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон пешниҳод мегардад.

**Роҳбари илмӣ:**
н.и.и., мудири кафедраи
муносибатҳои молиявӣ-қарзии байналхалқии
Донишгоҳи давлатии молия
ва иқтисоди Тоҷикистон **Убайдуллоев Ф.К.**

Имзои **"Убайдуллоев Ф.К."**-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон Мирҷамолов М.А.

Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14,
E-mail: info@ddmit.tj
(992) 231-08-43; (992) 227-30-75

26.01.2026с.